**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058**
**назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**
**(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121)**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос дар самти илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос дар самти илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, таҳти № 196/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертатсияи такризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии факултети географияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ яке аз сабабҳои асосии тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид, ки он ба сатҳи зиндагӣ, даромад, хароҷоти аҳолӣ, таносуби бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ таъсири назаррас расонид.

Шароити рақобати шадиди иқтисоди бозоргонӣ ва афзоиши босуръати аҳолӣ, вазъи бекорӣ, нарасидани ҷойҳои корӣ, дараҷаи пасти музди меҳнат ва дигар омилҳо боиси коҳиш ёфтани сатҳи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва муҳоҷирати меҳнатии берунмарзии аҳолӣ гардид. Аз тарафи дигар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз роҳҳои самарабахши беҳтар намудани дараҷаи таъминоти моддии аҳолӣ муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар худ самтҳои ба кор шомил шудани аҳолиро таҷассум намуда, самти ҳаракати аҳолии қобили меҳнатро дар байни ҳудудҳои географӣ (ноҳия, вилоят, мамлакат, қитъа ва ғ.) бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ муаян менамояд. Аз тарафи дигар оқибатҳои муҳоҷирати меҳнатӣ хоҳ мусбӣ ё манфӣ бошад ҳам ҳамеша хусусиятҳои хоси худро доро мебошанд. Дар робита ба ин масъала зарурияти омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба бозори меҳнат муҳим аст. Ҳаминтавр, раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар паст намудани шиддати бозори меҳнат ва нигоҳдории сатҳи иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Бинобар омӯзиши раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва роҳандозӣ намудани тадбирҳои самарабахши он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти барзиёдии захираҳои меҳнатӣ ва истифодаи самараноки он аз муҳим будани омӯзиши ин масъала дарак медиҳад, ки ин ҳолат мубрам будани мавзуи интихобгардидаро нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, дар дисертатсия таҳлилу баррасии ин масъалаҳо ва пайдо намудани сабабҳое, ки ба ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои кори арзёбӣ гардидааст. Маҷмуи масоили мазкур мақсади омӯзиш ва ҳалли ин проблемаҳоро ба миён овард ва ин аввалин кӯшиши таҳлил ва омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва ҷобаҷогузории захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар мебошад.

Муаллиф тавонистааст, ки дар доираи се боб ва нуҳ зербоб моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра таҳлил ва ошкор намояд.

**Боби якуми диссертатсия – «Тавсифи умумии мафҳуми муҳоҷират, назария ва методологияи он»** аз се зербоб иборат буда, дар доираи он вобаста ба масъалаҳои назариявию методологии муҳоҷирати аҳолӣ, давраҳои таърихии муҳоҷиркунии аҳолӣ аз минтақаҳои куҳсори ҷумҳурӣ ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобида мавриди тадқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

**Боби дуюми диссертатсия – «Муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисодӣ бозоргонӣ»** аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур сабабҳо ва омилҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода намудани кадрҳои баландихтисос инчунин дастгирии иҷтимоии аҳолӣ ва проблемаҳои мавҷудаи муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Боби сеюми диссертатсия – «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва дурнамои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масоили оқилона истифода бурдани қувваҳои корӣ ва таъсири он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ ва дурнамои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Ҳақназаров У.Н. аввалин таҳқиқоти маҷмӯӣ бо забони давлатӣ доир ба масъалаи хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори таҳқиқоти ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи “Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба шумор рафта, пешниҳод ва хулосаҳои дар он дарҷшуда, ба такмили танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун омили муайянкунандаи рушди иқтисодӣ, сатҳи зиндагонии аҳолӣ, вазъи

бозори меҳнат дар минтақаҳои ҷумҳурӣ равона гардида, дар соҳаи мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварии таҳқиқот, инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур ба таҳқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Мундариҷаи кори илмӣ аз он дарак медиҳад, ки муаллиф тавонистааст миқдори зиёди маводи илмиро доир ба мавзуъ таҳлил намуда, бо далелҳои асоснок онҳоро пешниҳод намояд. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф бо ин мақсад на танҳо асосҳои назариявӣ ва амалии ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, балки заминаҳои таърихии ташаккул ва инкишофи ҷобаҷогузории қувваҳои кориро таҳлил кардааст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавҷударо дар илми география ва ҷобаҷогузории қувваҳои корӣ ба таври назаррас зиёд мегардонад. Натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф метавонанд барои такмили китобҳои таълимӣ аз фанҳои «География», «Географияи аҳолӣ» ва «Асосҳои демография», истифода шаванд.

Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили раванди ҷойгиркунии қувваҳои корӣ дар кишвар истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин самт бударо пур менамоянд.

**Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро дар шакли тавсияҳо ба муаллиф пешниҳод менамоем.**

1. Бояд қайд намуд, ки муаллиф ҳангоми ба амал баровардани таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масоили давраҳои ташакулёбии захираҳои меҳнатӣ, ки яке аз масъалаҳои асосӣ дар география ба ҳисоб меравад, ба таври пурра диққати худро равона накардааст. Ҳамчунин, вобаста ба ин масъала дар диссертатсия хулосабарории муаллиф дида намешавад. Беҳтар мебуд, агар муаллиф оид ба ин масъала бо далелҳои асоснок фикри худро ҷамъбаст намояд.

2. Дар ҳолати бурдани корҳои илмӣ – тадқиқотӣ муаллиф дар боби 2. зербоби 2.1. дар бораи мушкилотҳои мавҷудаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андеша намудааст, лекин оид ба роҳҳои ҳалли ин масъала фикру андешаи худро баён накардааст.

3. Баъзе маълумотҳои рақамии овардашуда иқтибос надоранд ва мафҳумҳои гуногун (ҳиҷрати хориҷӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирати берунӣ) дар диссертатсия истифода гардида, раванди хулосабарории илмиро мушкил мегардонанд.

4. Дар баъзе ҷадвалҳо маълумоти соли 2020 ва дар дигар қисми ҷадвалҳо маълумоти соли 2021 оварда шудаанд, ки натиҷаи ҷамъбаст ва хулосабарориро мушкил мегардонад. Давраи таҳлил бояд якхела бошад.

5. Рӯйхати адабиётҳои истифодашаванда, ки муаллиф дар саҳифаи 147-154 овардааст тибқи талаботи КОА ба расмият дароварда нашудааст, инчунин хулосабарории ҳар як боб камтар ба назар мерасад.

Дар маҷмуъ эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, сифати таҳқиқоти диссертатсионро паст намекунанд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забони давлатӣ, ки бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллиф фарқ мекунад. Таҳқиқоти илмӣ мустақилона иҷро гардида, мукаммал ва ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ аст. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос мекунанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ муаллифи 11 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Аз ин теъдод, 5 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия чоп шудаанд.

Ҳамчунин, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳақназаров У.Н. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамонд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми географияи иқтисодӣ- иҷтимоӣ ва соҳаҳои дигари география мусоидат карда, боис мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм аҳамияти муҳим доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд перомуни такмил додани тахассуснокии аҳолӣ, таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ дар кишвар мусоидат намуда, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Ҳақназаров У.Н.-ро нишон медиҳанд.

Дар умум, Ҳақназаров Умарали Нуралиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901–Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
н.и.и, дотсенти кафедраи омори
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоев С. С.

**Имзои Мирзоев С.С. – ро тасдиқ мекунам:**
Садори райёсати кадрҳои Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.

«15» 05 2023 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17,
E-mail: info@mo.tnu.tj тел: (+992) (372) – 21-77-11